Date Printed: 11/06/2008

| | |
|---|---|
| JTS Box Number: | IFES_12 |
| Tab Number: | 17 |
| Document Title: | Student Local Government Day Manual for Mentors and Government Officials (2001) |
| Document Date: | 2002 |
| Document Country: | Tajikistan |
| IFES ID: | R01899 |

*DFD22127-256A-4EA3-BCF5-FEB5804AFC03*

**International Foundation for Election Systems (IFES)**

**Final Project Report**
**REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**October 1, 1997 – September 30, 2002**
**USAID Cooperative Agreement EE-A-00-97-00034-00**

Student Local Government Day Manual
For Mentors and Government Officials
(in Tajik)

**РӮЗИ ИШТИРОКИ ТАЛАБАГОН ДАР КОРИ ҲУКУМАТИ МАҲАЛЛӢ**

# Дастур барои муаллимон ва кормандон

«Бунёди пулҳо барои пешвоёни



ояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ»

Душанбе - 2001

Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ

Оҷонсии ИМА оид ба рушди умумҷаҳонӣ

Дастури мазкур барои пешравии барномаҳои маърифати шаҳрвандӣ аз тарафи Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ ва дастгирии молиявии Оҷонсии ИМА оид ба рушди умумҷаҳонӣ омода шудааст.

Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ -2001

# МУНДАРИЧА


МУҚАДДИМА ........................................4

РИТКҲМ ЧИ ГУНА АМАЛ МЕКУНАД ..........6

ВАЗИФАҲОИ РИТКҲМ ..............................7

ИШТИРОКЧИЁНИ БАРНОМА ....................9

- **Муаллимон** ........................................9
- **Кумитаи интихоб** ..............................11
- **Кормандони ҳукумат** ........................12
- **Талабагон** ..........................................15

РАВАНДИ ИНТИХОБ .................................17

ҲАМОҲАНГСОЗИИ БАРНОМАҲОИ
БАЪДИНА ..................................................19

ОХИРСУХАН ............................................21

## МУҚАДДИМА

**Ташшакур** мегӯем барои шавқу рағбататон нисбати барномаи «Рӯзи иштироки талабагон дар кори ҳукумати маҳаллӣ».

Демократия системаи динамикие мебошад, ки дар он ҳамаи шаҳрвандон бояд иштирок намоянд, то ки демократия вуҷуд дошта бошад, идома ёбад ва бомуваффақият бошад. Барои ҳамин шаҳрвандӣ ин як раванди бардавом ва фаъолона мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки шаҳрвандон вазифадоранд, қисме аз вақти худро ба ин раванд вогузор намоянд, то ки муколамаи озоду бомуваффақият дар байни ҳукумат ва шаҳрвандон ба миён ояд. Ба иллати он, ки демократия дар Тоҷикистон падидаи нав мебошад, ҳоло лаҳзаи беҳтарин аст, ки талабагонро бо кору бори ҳукумат ошно кунанд.

Аз қадимулайём бисёре аз одамон фаҳмидаанд, ки ҳеҷ чиз наметавонад ҷои таҷрибаи ҳаётии шахсро бигирад. Бо иборaи дигар, таҷрибаи бештар аз иштироки фаъолона бармеояд, ва ҳангоми омузиш аз дигарон ҳар фарде бештар аз ҳама аз шахси пуртаҷриба метавонад биомузад. Бар замми он Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи кишвари демократӣ шуданро ба худ интихоб кардааст. Бо дарназардошти ин афкор, яке аз пешниҳодот он аст, ки ба талабагони алоҳида имконият дода шавад, то худро дар идораҳои ҳукуматӣ ворид намоянд ва ҷӣ

тавр фаъолият намудани ҳар як идораи мушаххаси давлатиро дар рузҳои муқаррарии корӣ биомузанд. Ингуна фаъолият Рӯзи иштироки талабагон дар кори ҳукумати маҳаллӣ (РИТКҲМ) номида мешавад ва ҳадафи он афзун кардани шавқмандии ашхоси ҷавон нисбати мақомоти намояндагии ҳукуматӣ, ва шояд, ба ҳайси корманди идораи давлатӣ барои беҳтар кардани аҳли ҷамоа дар оянда кор кардан аст.

Ҳадафи ин дастур он аст, ки муайян намояд: барномаи РИТКҲМ- и ФБСИ аз чӣ иборат аст, мақсади он чист, РИТКҲМ чи гуна амал мекунад, равобити мутақобилаи байни муаллимон, талабагон, мансабдорони ҳукуматӣ, ва инчунин ғояҳои умда ва муҳимме, ки ҳар каси ба кори ин барнома ҷалбшуда бояд дар хотир дошта бошад.

## РИТКҲМ ЧӢ ГУНА АМАЛ МЕКУНАД

РИТКҲМ талабагони алоҳидаро бо идораҳои кории ҳукуматии ширкаткунанда дар иртибот меорад, ки дар он чо талабагон мансабдорони ҳукуматиро ҳамроҳӣ намуда аз чӣ иборат будани рузи кории муқарраии уро мушоҳида менамоянд ва меомузад. Аввалан, талабагон аз тариқи як раванди рақобатнок интихоб карда мешаванд, ки ин баъдтар дар ҳамин дастурамал шарҳ дода хоҳад шуд. Баъде, ки раванди интихоб анчом меёбад, муаллимон онҳоро бо намояндагони изофии мансабдорони давлатӣ ҳамроҳ мекунанд, ки онҳоро дар давоми рузи кории муқаррарӣ роҳбарӣ менамоянд. Баъди анчоми РИТКҲМ талабагон ба мактабҳои худ бармегарданд, то тачрибаи худро бо шарикдарсонашон боҳам бинанд. Ин иборат аст аз навиштани иншо ва баёни мушоҳидаҳо ва дарсҳои омухтаашон ба шарикдарсонашон. Аз муаллимон ва кормандони маъмурият, ки имрӯз давраи таҳсил мегузаранд, интизор меравад, ки дар солҳои баъдӣ РИТКҲМ – ро идома диҳанд ва ҳамчунин омӯзгор шаванд. Ба хотири он, ки ин фаъолият ба як руйдоди ҳарсола табдил ёбад, бояд ин мақсадиояндаи кори имруз анчомёфта бошад.

ВАЗИФАҲОИ
«Рӯзи иштироки талабагон дар кори ҳукумати маҳаллӣ»

**То охири рӯз талабагон метавонанд, ки чизҳои зеринро омӯзанд:**

- **Аз худ намудани сохтори мақомоти маҳалии идораи давлатӣ**
- **Фаҳмондани таъсири ин мақомот ба ҷомеа**
- **Муайян намудани ҷавобгариҳои корманд, ваколат ва вазифаҳои онҳо**
- **Фаҳмондани он ки чӣ тавр идораҳо маълумотро ҷамъ меоранд, истифода ва паҳн менамоянд**
- **Фаҳмидани он ки идораҳо чӣ тавр (ресурс) манбаъҳои ҷойдоштаро истифода менамоянд**
- **Истифодаи таҷрибаи аёние, ки дар идора андӯхта шуд**
- **Ва дар бораи мақомоти маҳалии идораи давлатӣ ба ҳамсинфони худ маълумот диҳанд**

**Дар тӯли ин барнома кормандони мақомоти маҳалии идораи давлатӣ метавонанд:**

- **Дар бораи онҳое, ки маърифати шаҳрвандиро меомӯзанд, маълумот пайдо кунанд**
- **Нигоҳи интихобкунандагони ояндаи худро бифаҳманд**

Таъсири мақомоти маҳалии идораи давлатӣ ба шаҳрвандони оддӣ на ҳама вақт аз тарафи ҷомеа боҳаққона баҳо дода мешавад. Бисёрии одамон вақте ки дар бораи ҳукумат ҳарф мезананд, аввалан дар бораи сиёсати маҳаллӣ (регионалӣ) ва ё миллӣ фикр мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда масъалаҳои зарурӣ ба мисли ғундоштани партовҳо, таъмини об ва ё кор кардани чароғакҳо аз ҷониби мақомоти маҳалии идораи давлатӣ ҳал мешавнд ва ба ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон таъсир мерасонанд.

Барнома ҳамчунин ба талабагон имкон медиҳад, ки ба кормандони давлатӣ мушкилот, ғамхорӣ, чашмдошт ва таманнои шаҳрвандонро расонанд. Дар давоми сӯҳбат дар ин рӯз талабагон ва кормандони давлатӣ метавонанд, ки дар бораи проблемаҳо ҳарф зананд ва таҷрибаву ақидаҳои худро бо ҳам бинанд.



## ИШТИРОКЧИЁНИ БАРНОМА

### Муаллимон

Нақши асосии муаллим ин таъмин намудани робита дар байни ҳукумат ва талабагон аст. Муаллим барои тақдими мафҳум ва ғояи РИТКҲМ ба талабагон ва интихоби онҳо, ки аз ҳама беш аз ин амалия бархурдор хоҳанд шуд, масъул хоҳад буд. Муаллим барои созмон додани озмуни иншонависӣ ба хотири интихоб ва ҷобаҷогузории талабагони интихобшуда дар идораҳои ҳукуматии муносиб масъул хоҳад буд.

Баъд аз он, ки муаллим семинари мазкури РИТКҲМ – ро бо муваффақият хатм кард, у ба мактаб бармегардад, то мафҳум ва ғояи РИТКҲМ ва талаботи онро ба талабагон фаҳмонад. Шояд, вақти муносибтарин барои тақдими ин матлаб ҷамъомади субҳонаи мактаб бошад. Изофа бар тақдими ин матлаб пешниҳод карда мешавад, ки дар лавҳаи эълоноти мактаб баёнияе барои ба шарҳу тавзеҳот роҷеъ ба РИТКҲМ ва озмуни иншонависӣ ҷой дода шавад. Иншоҳо набояд дарозтар аз ду ва ё се саҳифа бошанд. Баъд аз он, ки муаллим тафтиши иншоҳои довталабонро ба итмом мерасонад, ғолибон интихоб шуда, аз ҷониби муаллим ба корманди ҳукуматии муқарраршуда вобаста карда мешаванд.

Муаллимон иншоҳои навишта шударо ҷамъ мекунанд ва бо диққат ҳар яки онҳоро мехонанд. Муаллимон бояд бо амри виҷдон ва одилона мазмуни иншоҳоро қазоват кунанд ва номи иншонависанда дар гушаи болоии варақаи иншо ба баҳои он таъсире надошта бошад. Дар иншо муаллим бояд ба далелҳои мушаххас ва пурқуввате такя кунад, ки чаро он барои ширкат дар РИТКҲМ интихоб мешавад. Чунин мисолро овардан мумкин аст: «Ман ба масъалаҳои марбут ба қонун ҳамчун касбу мансаб хеле шавқ дорам ва фикр мекунам, ки ҳангоми ҳамроҳӣ кардани додситон (прокурор) ман метавонистам назари амиқе нисбати ин касб пайдо кунам». Мисоли дигар метавонад чунин бошад: «Ман ҳамеша мехостам донам, ки ҳукумат чӣ гуна кор мекунад ва фикр мекунам, ки ҳангоми ҳамроҳӣ кардани мири шаҳр дар мавриди он, ки ин система чӣ тавр амал мекунад, метавонам дониши васеътаре ба даст орам». Албатта, ин танҳо аз тариқи мисол аст, аммо далели пурқувватест роҷеъ ба муваффақияти иншо.

Чӣ тавре ки пештар баён карда шуд, дар доираи РИТКҲМ – и таъйиншуда бояд ҳадди аксар 3 талаба мансабдори ҳукуматиро ҳамроҳӣ кунанд. Дар ҳолатҳое, ки беш аз 3 талаба интихоб шуда бошанд ва ба як идора вобаста карда шуда бошанд, ин иншоҳо ба Кумитаи интихоб барои таҳлил ва интихоби ниҳоӣ пешбарӣ карда хоҳанд шуд.

## Кумитаи интихоб

Пас аз он, ки муаллимон иншоҳои талабагонашон пешниҳод кардаро таҳлил карданд, иншоҳои беҳтаринро аз ҳар як шуъбаи мавриди баррасӣ ба Кумитаи интихоб барои муҳокимаи ниҳоӣ мефиристанд. Ҳайъати Кумитаи интихоб аз 5-7 узви обруманди аҳли таълим иборат буда, мақсади умдаи онҳо таъмин сохтани аз руи виҷдон гузаронидани раванди интихоб аст. Ин корро онҳо тавассути баррасии иншоҳои аз ҷониби муаллимон пешниҳод карда шуда анҷом медиҳанд, то ки сифати баландтарини иншоҳо таъмин карда шавад. Дар мавриди пайдо шудани баҳс ақидаи Кумитаи интихоб ниҳоӣ хоҳад буд. Изофа бар он Кумитаи интихоб он талабаёнеро таҳлил ва интихоб хоҳад кард, ки барои идораҳои беш аз 3 довталаб дошта мусобиқа мекунанд.



**Кормандони ҳукуматӣ**

Вақте ки талаба дар доираи РИТКҲМ ба идорае меояд, талаба мушоҳидаи худро шуруъ мекунад. Талаба бояд худро ба таври касбӣ муаррифӣ кунад, ки ин ҳама чизро дар бар мегирад: аз сарулибосе, ки бояд дар тан дошта бошад, шуруъ карда то аз худ нишон додани рафтор тибқи одоби расмӣ. Қабл аз ҳама, тавсия карда мешавад, ки мансабдори давлатӣ бояд субҳ бо талаба мулоқот намуда, ба у нақш ва масъулиятҳои мақом ва вазифаи худро шарҳ диҳад. Изофа бар он, муфид мебуд, агар талабаро дар гирду атрофи идора чарх занонда ба ҳайъати кормандон муаррифӣ кунанд.

Ниҳоят, аз ҳама беш муфидтар хоҳад буд, агар шумо ба у доир ба таъриху гузаштаи кори худ ҳикоят кунед. Ба ибораи дигар, ба у бигуед, ки барои ба ин мансаб ноил шудан шумо чӣ қадамҳое бардоштед. Баъд аз ин иршоди кучак, талаба корманди давлатиро «ҳамчун соя» ҳамроҳӣ мекунад: ҳар куҷое, ки вай меравад, уро ҳамроҳӣ намуда, руйдодҳои давоми рузи кории муқаррариро мушоҳида менамояд. Масалан, донишҷӯ бояд корманди маъмуриро дар ҷаласаҳо бо ҳайъати кормандон ва ё дар ҷаласаҳои бо дигар идораҳои давлатӣ ҳамроҳӣ кунад.

Дар ёд дошта бошед: Он чиз барои РИТКҲМ бағоят муҳим аст, ки талаба нисбати рӯзи кории муқаррарии идора назари амиқ пайдо кунад.



Пеш аз ба коргоҳ омадани талаба тавсия мешавад, ки корманд ҷадвали кор, ҷойи нишасти талабаро муайян намояд.

Дигар ҳамкорон низ аз ташрифи талаба огоҳ карда шаванд, то ки ин ташриф барои онҳо ҳайратовар набошад.

Ҳамчунин баробар муҳим аст, ки талаба ягон вазифаи марбут ба кори идораро иҷро накунад! Ин маънои онро дорад, ки талаба ба ин ҷо барои кор кардан наомада аст. Нақши талаба мушоҳида кардан ва ҷустуҷуи маълумот оид ба нақши корманди маъмурӣ аст. Дар ҳолати вазъҳое, ки ихтиёрдорӣ бояд риоя карда шавад, пешниҳод меравад, ки шумо ба талаба фаҳмонед, барои чӣ у ба мулоқоти маҳрамона даъват нашуда аст ва, шояд, ба у дар шакли умумӣ мулоқот/вазъияти ба миён омадаро тавсиф кунед. Дар хотир дошта бошед, ки яке аз ҳадафҳои РИТКҲМ ошно кардани талаба бо корҳои ҷории идораатон мебошад, то ки у тасаввуроти беҳтаре роҷеъ ба фаъолияти ҳукумат дар Тоҷикистон пайдо кунад. Ниҳоят, ин вазифа метавонад барои талаба дар интихоби касбу кор дар идораи мушаххасе, ки ҳоло дар он ҳамроҳӣ мекунад, муфид шавад. Ба ин хотир бениҳоят муҳим аст, ки талабаатонро раҳбарӣ кунед ва ҳар гуна иттилооти марбутаро барояшон фароҳам кунед, ки ин гуна маълумот метавонад барои гирифтани тасмими дуруст дар интихоби соҳаи мушаххаси таҳсил дар донишгоҳ ба у кумак кунад, ва ин дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки талаба барои худ касб интихоб хоҳад кард.

**Талабагон**

Нақши талаба шояд барои иҷро душвортарин бошад. Раванди интихоб талабаҳоро дар озмуни иншонависӣ бар зидди ҳам бармехезонад. Агар иншои талабае барои ширкат дар РИТКҲМ интихоб шавад, пас бо у аз тариқи муаллим тамос гирифта мешавад ва ба у номи корманди маъмурие, ки бояд ҳамроҳӣ намояд, вақти ба идора ҳозир шудан ва ғ. хабар дода мешавад. Барои талаба муҳим аст, фаҳмад, ки у бояд корманди маъмуриро дар тамоми рузи корӣ ҳамроҳӣ намояд ва ҳангоми мушоҳидаи фаъолияти у саволҳо диҳад. Ин ду амал аз ҷониби талаба ба у кумак хоҳад кард, то фаҳмиши беҳтаре нисбати умури ҷории идораи давлвтӣ пайдо кунад. Бар замми он, талаба идроки беҳтари кори аз ҷониби мансабдори вобаста карда шударо пайдо хоҳад кард. Ба талабагони худ аҳамияти наздик шудан ба корманди давлатӣ ва ба у саволдиҳиро таъкид кунед. Алабатта, лаҳзаи пурсиш ва ихтиёри корманд муҳим аст, бари ҳамин аз талабагоатон хоҳиш кунед, то бо худ дафтару қалам биёранд ва ҳар гуна савол ва мушоҳидаи эҳтимолан пайдо шудаашонро ёддошт кунанд ва дар ягон вақти муносибтаре пурсанд. Дар охири руз, умед ҳаст, ки талаба дар мавриди имкониятҳои касбу кор дар хидмати давлатӣ аз тариқи идораи ҳукуматӣ назари амиқтаре пайдо мекунад, ва ё дар бораи он ки

ҳукумат чӣ гуна фаъолият мекунад, фаҳмиши беҳтаре ба даст меорад, ва ё ҳар ду.

Баъд аз он, ки талабагон РИТКҲМ – ро ба итмом мерасонанд ва ба мактабҳои худ бармегарданд, аз онҳо интизор меравад, ки марҳалаи минбаъдаи фаъолияти РИТКҲМ – ро низ гузаронанд. Яке аз вазифаҳои онҳо навиштани иншо дар бораи таҷрибаи ҳангоми РИТКҲМ андухтаашон мебошад. Ин он чизҳоеро дар мегирад (аммо на танҳо бо ин маҳдуд намешавад), ки онҳо диданд, шуниданд, бо кӣ суҳбат карданд, куҷо рафтанд, дар кадом ҷаласа иштирок карданд, ҷаласаҳо чӣ тавр гузаронида шуданд ва ғ. Изофа бар он, агар талаба дар иншояш ва ҳангоми баромадаш мушоҳидаҳои шахсиашро дохил кунад, бояд дастгирӣ пайдо кунад. Албатта, ин гуна мушоҳидаҳо метавонанд, мусбӣ ва ё манфӣ бошанд ва умедворем, ки талаба барои ин гуна рафтор кардан худро озод ҳис хоҳад кард. Агар талаба худро барои дар иншо ва ё ҳангоми баромадаш ифода кардани афкори худ ноҳинҷор ҳис кунад, пас шояд шумо тавонед талабаро ҳидоят кунед ва мадад расонед, ки афкори худро созмон диҳад. Ба талаба бояд таъкид сохт, ки ҳангоми ифода ва баён кардани ақидаҳояш худро мутмаъин ва роҳат ҳис кунад.

## РАВАНДИ ИНТИХОБ

Вақте ки муаллимон ба мактабҳои худ бармегарданд, онҳо мафҳум ва озмуни РИТКҲМ – ро ба таваҷҷуҳи талабагон дар синфхонаҳо, ҳангоми ҷамъомади пагоҳирузӣ ва аз тариқи лавҳаи эълонот мерасонанд. Ба талабагон доир ба шакли иншо ва дигар қоидаҳо, ки дар семинари РИТКҲМ муайян карда мешаванд, дастур медиҳанд. Ба талабагон бояд як ҳафта барои навиштани иншо ва супурдани он ба муаллимон дода шавад. Пас, муаллимон иншоҳоро тибқи дархост ба идораҳои мухталиф ба категорияҳо ҷудо мекунанд. Масалан, ҳамаи иншоҳое, ки ба идораи мири шаҳр, тааллуқ доранд, ба як категорияи алоҳида ҷудо карда хоҳанд шуд ва ҳамчунин ҷиҳати милиса ва ғ. категориҳои алоҳида тахсис дода хоҳад шуд. Муаллим аз ҳар як категория иншои беҳтаринро интихоб мекунад ва ба Кумитаи интихоб барои тасвиб пешниҳод менамояд. Яъне, ҳар як мактаб аз руи ҳар як каиегория як иншоӣ мефиристад. Кумитаи интихоб, ки аз ҳайъати 5-7 нафараи ашхоси муътабари аҳли таълими маҳаллӣ иборат аст, ҳамаи иншоҳои супурда шударо ҷамъ карда, ба категорияҳои идораҳо ҷудо мекунад. Кумитаи интихоб барои он, ки на бештар аз 3 талаба барои ҳузур доштан дар ҳар як идора интихоб шавад, масъул хоҳад буд. Дар ҳолате, ки шумораи талабагон аз 3 зиёд шуд,

Кумитаи интихоб ҳамаи иншоҳои супурда шударо дар ҳар як категория аз назар гузаронида се иншои беҳтаринро ҷудо карда, ин талабагонро барои ширкат дар РИТКҲМ даъват менамоянд. Огоҳ кардани муаллимон, ки дар навбати худ талабагонро хабар медиҳанд ва онҳоро барои рузи ҳозиршавӣ омода мекунанд, масъулияти Кумитаи интихоб аст. Ин, аз ҷумла, чӣ гуна либос пушидан, чӣ тавр ва кай савол пурсидан ва ҳангоми мушоҳидаи мансабдори ҳукуматӣ ба чӣ чизҳо аҳамият доданро дар бар мегирад.

## ҲАМОҲАНГСОЗИИ БАРНОМАҲОИ БАЪДИНА

Ба мисли «Рӯзи иштироки талабагон дар кори ҳукумати маҳаллӣ» дигар чорабиниҳо низ вуҷуд доранд, ки боздидҳо, экскурсияҳои синфӣ дар чорабиниҳои давлатӣ ва ё мулоқоти кормандони давлатӣ дар мактабҳо аз ҷумлаи онҳоянд.

Пас аз тамомшавии барнома шумо метавонед, кормандонро даъват кунед то аз аз мактаб боздид намоянд ва бо ҳамсинфони шумо вохӯранд. Албатта пас аз муаррифӣ ва пешниҳоди иншои талабаи дар РИТКҲМ иштирокнамуда дар синф саволҳои зиёде пайдо мешаванд ва онҳо метавонанд ин саволҳоро ба команди ҳукуматӣ диҳанд.

Мақомоти маҳаллии идораи давлатӣ ҳамчунин метавонад, ки як синф ва ё гурӯҳи талабагонро ба коргоҳи худ даъват намояд. Масалан, агар дар ягон ҷо вохӯрӣ ё машварати кушод бошад, шумо пешакӣ метавонед бо кормандони мутасадӣ гапзанон кунед ва ҳамсинфонро ба он ҷо даъват намоед. Иштирок дар чунин чорабиниҳо ин имконияти хубест барои мактаббачагон, то ки дар бораи паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти мақомоти маҳалии идораи давлатӣ маълумот пайдо кунанд. Ба монанди барномаи ҳозира ин барномаҳо камхарҷ буда, фақат ташкилотчигӣ, банақшагирӣ ва хоҳишмандиро тақозо мекунанд. ФБСИ барои дастгирии барнома

маслиҳатҳои муфид медиҳад ва барои пешрафти он ва дастрас намудани маълумот ва давомнокии барнома ба шумо аз ҳама ҷиҳат кӯмак мерасонад.

ФБСИ аз муаллимон хоҳиш дорад, ки дар



бораи такрор намудани ин барнома чораҳо андешанд ва мумкин бошад онро васеътар намоянд, ба роҳи зиёд намудани рӯзҳо ва ё ташкили он дар давоми соли хониш ва таътилҳои тобистона.

ФБСИ дар таҳияи чунин барномаҳо ба шумо ёрии худро дареғ нахоҳад дошт.

# ОХИРСУХАН

Аз шумо барои шавқу рағбат ва иштирокатон дар ин барнома бениҳоят миннатдорем. Бо меҳнати андак ва банақшагирии дақиқ «Рӯзи иштироки талабагон дар кори ҳукумати маҳаллӣ» барои мактаббачагон, кормандони ҳукуматӣ ва табақаҳои васеи аҳолӣ дастоварди бузурге шуда метавонад. Агар чорабиниҳои монанд дар дигар ноҳияҳои Тоҷикистон ва мамлакатҳои Осиёи Миёна баргузор шаванд, мо боварӣ дорем ки шумо ин чорабиниҳоро бо ҳамкорони худ муҳокима мекунед ва ин таҷриба ҳамасола баргузор мегардад. ФБСИ ҳамеша баргузории чунин чорабиниҳоро меписандад ва уммед дорад ки шумо низ ба ин фикр ҳамроҳӣ мекунед.



Ҳайати кормандони ФБСИ/Тоҷикистон ва суроғаи он:
Тел: (992 372) 21-80-52б 21-70-98, факс (992 372) 21-25-80, e-mail: ifes@ifes.tajik.net
Кристофер Шилдз – Менеджери Барнома
Муким Маллаев – Ҳамоҳангсози Барномаҳои Мактабӣ
Рамзия Мамадназарова – Ассистенти Барномаи Маърифати Шаҳрвандӣ

БАРОИ МУЛОҲИЗОТ